**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Бо шарофати истиқлоли давлатӣ ва пойдории ваҳдати миллӣ тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рушду устувор гардида, дар ин замина илми ватанӣ низ шакли навро касб карда, дар ҳоли рушду густариш аст. Дар ин росто, илми забоншиносӣ низ бо назардошти манофеи миллӣ тибқи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар кишвар рӯ ба инкишофу тавсеа аст.

Диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мубрам буда, ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

**Мақсади асосии таҳқиқоти** мазкур омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ–семантикӣ ва морфологии калимаҳое, ки «тааҷҷуб/surprise»–ро ҳамчун як намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ ифода мекунад, ташкил медиҳад.

**Объекти таҳқиқотро роҳҳо ва воситаҳои амалигардонии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои мавриди назар ташкил медиҳад.**

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси луғавӣ–маъноӣ ва калимасозӣ инъикос намояд, чунки дар дохили он муносибатҳои зинавӣ бо назардошти истифодаи усулҳои забономӯзӣ аз мафҳуми вожа сар карда, то мавқеи он дар сохтори забон пурра таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот чунин арзёбӣ шудааст,** ки мавзуи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Таҳлили вожагони ифодакунандаи «**тааҷҷуб/surprise**» дар забонҳои тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ низ ошкор шудаанд.

Инчунин, муаллиф вобаста ба диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода менамоянд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 12 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тибқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шуда, муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

Бо вуҷуди дастовардҳои фавқулзикр ба андешаи мо дар матни автореферати диссертатсия чунин норасоиҳо ба чашм мерасад;

1. Дар зербоби сеюми боби якуми гунаи русии автореферати диссертатсия саҳ. 12 мисол бо забони тоҷикӣ оварда шуда, шакли тарҷума он аз нигоҳи муқоиса асоснок карда нашудааст;
2. Дар матни автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услабӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Норасоиҳои ҷойдошта тавсиявӣ буда, арзиши умумии таҳқиқотро халалдор намекунанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ва “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатси ва дигар маводди илмӣ (фармоиши КОА назди Президенти ҶТ аз 27.12.2024, №493)” ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
педагогика, психология ва
методикаи таълими ДҶТИБКСМ Шердилова Сурайё

Имзои С. Шердиловаро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода Манучеҳр

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 15,
тел.: +992 37 223-12-90,
факс: +992 37 227-19-27;
Сомона: http://takmili-ihtisos.tj
E-mail: takmili.ihtisos@mail.ru

«26» августи соли 2025